Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 1 декабри соли 2009
№18/9 тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМА
## дар бораи фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Низомномаи мазкур оид ба фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ», «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015», «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015» таҳия карда шудааст.
2. Низомномаи мазкур муносибатҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии байни субъектҳои фаъолияти инноватсиониро ба низом медарорад, асосҳои ташкил ва амалӣ намудани сиёсати инноватсионии давлатиро, ки ба суръат бахшидани рушд ва болобурди рақобатпазирии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст, муайян месозад.
3. Дар Низомномаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

Инноватсия-навгониҳо дар соҳаи техника, технология, ташкили меҳнат ва идора, ки дар асоси истифодаи дастовардҳои илм ва таҷрибаи пешқадам барои мукаммал гардонидани ҷараёни фаъолият ё натиҷаҳои он ташкил дода шудааст.

Фаъолияти инноватсионӣ намуди фаъолиятест, ки бо ворид намудани ақидаҳо (асосан, натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳо ё дастовардҳои илмиву техникӣ) дар таҳияи технологияи нав ё мукаммал гардонидашудаи маҳсулот ё хизматҳо вориди бозор намуда, дар технологияи нав ё такмилёфтаи тавлидот ва хизматгузориҳо сурат мегирад. Барномаи инноватсионӣ - маҷмӯи лоиҳаҳо ва чорабиниҳои навҷӯёнаест, ки тибқи хосияти захираҳо, субъектҳо ва мӯҳлатҳои иҷрои корҳо таҳия шудааст ва самаранокии азхуд ва паҳн намудани намудҳои нави маҳсулот (технологияҳо)-ро амалӣ менамояд.

Лоиҳаи инноватсионӣ - ҳуҷҷатдориест, ки аз қисмҳои зерин иборат аст: вазифаҳо ва ташкилоти иҷрокунандаи корҳо, протоколи мувофиқаи арзиши корҳо, нақшаи тақвимии иҷрои корҳо, супоришҳои илмиву техникӣ бо ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои коркарди маҳсулот ё технология, мундариҷаи қарорҳои инноватсионӣ ва вазифаҳои гузошташуда.

Субъекти фаъолияти инноватсионӣ - шахсони ҳуқуқии новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва шаклҳои моликият ва шахсони ҷисмоние, ки фаъолияти инноватсиониро амалӣ мекунанд.

Инфраструктураи инноватсионӣ – маҷмӯи ташкилот-ҳое, ки хизматгузориҳоро оид ба ташкил, азхуд намудан дар истеҳсолот ва истифодаи амалии маҳсулоти нав ё такмилшуда, ҷараёни истифодаи технологияи нав ё такмилшударо ташкил менамоянд.

Гранти инноватсионӣ - трансфер аз буҷет, ки аз рӯйи шартҳои дар шартнома нишондодашуда байни грантдиҳанда ва грантгиранда барои иҷрои коркардҳои таҷрибавӣ-тарҳкашӣ (конструкторӣ), тайёр намудани асосномаи техникӣ-иқтисодии лоиҳаи инноватсионӣ, патентгардонии объекти моликияти саноатӣ дар давлатҳои хориҷӣ ва ё ташкилотҳои байналмилалии патентӣ дода мешавад.

4. Танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сурат мегирад, дар мувофиқа бо қонунгузории давлатӣ, низомномаи мазкур ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

5. Сиёсати давлатии инноватсионӣ қисми таркибии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодие, ки аз тарафи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бурда мешавад, амалӣ мегардад.

Мақсадҳои асосии фаъолияти инноватсионии муассисаҳои тахсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҳсулоти технологияи баланд истеҳсолшуда;
- ташкил ва танзими фаъолияти инноватсионии корхонаҳои назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки болоравии рақоботпазирии маҳсулотро дар асоси азхуд намудани комёбиҳои илму техника ва навсозии истеҳсолот таъмин менамояд:
- таъмини танзими ҳуқуқӣ ва ҳимояи манфиатҳои субъектҳои фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- ташкили шароити мусоид барои рушди муҳити рақобатпазир дар соҳаи инноватсионӣ, дастгирии соҳибкории хурд ва миёна дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- ташкили инфраструктураи самаранокии инноватсияи муосир дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

6. Вазифаҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ:

- муайян намудани самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ;
- ташкили шакл ва методҳои дастгирии фаъолияти инноватсионӣ;
- амалӣ намудани ҳамкорӣ миёни муассисаҳои тахсилоти олии касбӣ бо мақомотҳои ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои фаъолияти инноватсионӣ;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти субьектҳои инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

7. Фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

– рӯйоварӣ ба дастгирии ҳаматарафаи навҷӯиҳо;
– пайвасткунии низоми фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фаъолияти самараноки механизмҳои бозоргонии рақобатпазир;
– эътироф кардани илм ҳамчун соҳаи муҳими иҷтимоӣ, ки дараҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунандаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;
– ошкорбаёнӣ ва истифодаи шаклҳои гуногуни муҳокимаҳо ҳангоми интихоби самтҳои афзалиятноки рушди илм ва техника, инчунин таҳлили барномаҳо ва лоиҳаи инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар асоси озмунҳо амалӣ карда мешаванд;
– баробарии ҳуқуқ, ӯҳдадориҳо ва масъулияти тамоми субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

8. Фаъолияти инноватсионии муассисахои таҳсилоти олии касбӣ аз тарафи Вазорати маориф дар асоси пешгӯйи равандҳои инноватсионӣ ташкил карда мешавад ва дар консепсияи фаъолияти инноватсионӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ инъикос меёбад.

Ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро Вазорати маориф ва раёсатҳои дахлдори он таъмин менамоянд.

Фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар алоқамандӣ бо маблағгузориҳои муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ, инчунин сармоягузарон, аз ҷумла, сармоягузории инфиродӣ ташкил карда мешавад.

Вазорати маориф ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти инноватсионӣ ва рафти амалӣ шудани Консепсияи фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ маълумотнома ирсол менамояд.

9. Консепсияи фаъолияти инноватсионии Вазорати маориф, ки барои рушди фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ равона карда шудааст, ҳуҷҷати асосӣ буда, аз тарафи Вазорати маориф таҳия ва ба мӯҳлати 3 сол тасдиқ карда мешавад.

Консепсияи фаъолияти инноватсионӣ мувофиқи самтҳои асосии сиёсати давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти муайян кардани мақсадҳои асосӣ, ки дар давраи фаъолияти он афзалятнок ба ҳисоб меравад, таҳия шуда ва бояд инҳоро дар бар гирад:

– мақсад ва вазифаҳо дар як давраи муайян;
– самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти инноватсионӣ;

- номгӯйи чорабиниҳои дастгириҳое, ки аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба субъектҳо ва инфраструктураи фаъолияти инноватсионнӣ сурат мегирад;
- баҳодиҳӣ ба чораҳои мушаххаси самаранокӣ оид ба дастгирии фаъолияти инноватсионӣ;
- номгӯйи барномаҳои соҳавӣ, мақсаднок ва функсионалие, ки дар давраи тарҳрезишуда амалӣ карда мешаванд.

Маблағгузорӣ барои амалӣ намудани Консепсияи фаъолияти инноватсионӣ аз ҳисоби маблағҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳаҷми имконоте, ки дар қисми хароҷоти буҷети муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати маблағгузории барномаҳои инноватсионӣ пешбинӣ шудаанд, инчунин маблағгузориҳои сарпарастону сарпарасти инфиродӣ низ амалӣ карда мешавад. Низомномаи мазкур ҳангоми тасдиқ намудани буҷети муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

10. Барномаҳои инноватсионии давлатӣ механизми асосии амалӣ намудани консепсияи фаъолияти инноватсионӣ ба ҳисоб мераванд.

Афзалиятҳои стратегияи инноватсионӣ асоси барномаҳои инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар дурнамои миёнамӯҳлат ба ҳисоб меравад.

Барномаҳои инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо барномаҳои давлатии мақсаднок ва суроғавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамоҳанг карда, аз буҷаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавон маблағгузорӣ намуд.

Коркард ва амалӣ намудани барномаҳои инноватсионии муассисаҳои олии касбӣ тибқи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

11. Барои ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ дар Вазорати маориф Шӯрои ҳамоҳангсозӣ доир ба рушди фаъолияти инноватсионӣ ташкил дода мешавад.

Шӯрои ҳамоҳангсозии Вазорати маориф оид ба рушди фаъолияти инноватсионӣ аз ҳисоби муовинони Вазир, ноибони ректорҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мутахассисони Вазорати маориф, мақомоти худидоракунӣ, корхонаҳо, ташкилот ва мақомоти молия таъсис дода мешавад.

Ҳайати шахсии Шӯрои ҳамоҳангсозии Вазорати маориф оид ба рушди фаъолияти инноватсионӣ ва Низомнома оид ба рушди фаъолияти инноватсионӣ аз тарафи Вазири маориф тасдиқ карда мешавад.

Вазорати маориф чунин салоҳият дорад:

- коркарди Низомномаи фаъолияти инноватсиониро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ анҷом медиҳад;
- самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти инноватсионӣ, дархости давлатиро барои корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ - конструктивӣ ва маҳсулоти инноватсионӣ ташкил медиҳад;

- номгӯйи технологияҳои муҳими таъиноти шаҳрвандиро тартиб медиҳад;
- барнома ва лоиҳаҳои инноватсионии давлатиро коркард ва амалӣ менамояд.
- ҳамоҳангсозии байнисоҳавиро ҳангоми ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ амалӣ менамояд;
- барои иҷро намудани корҳо дар соҳаи инноватсионӣ шартномаҳо мебандад;
- ҳангоми дида баромадани лоиҳаи буҷети муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар давраи банақшагирифташуда, маблағгузориҳоро барои корҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ, инчунин, барои мусоидат намудан дар амалӣ гаштани фаъолияти инноватсионӣ пешбинӣ менамояд:
- шароитро барои мукаммал гардондани механизми танзими фаъолияти инноватсионӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад;
- маблағгузориҳои ҷориро аз ҳисоби буҷаи худ барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ, барномаҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳо амалӣ менамояд;
- барои ҳал намудани проблемаҳои муҳими илмӣ-техникӣ, таҳияи барномаҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳо озмунҳо эълон мекунад;
- барои рушди муносибатҳои бозоргонии рақобатпазир дар самти навҷӯиҳо ва ҳимояи ҳуқуқи моликияти ақлонӣ мусоидат менамояд.

12. Мақомоти маҳалии худидоракунӣ оид ба рушди фаъолияти инноватсионӣ дар асоси созишномаҳое, ки бо Вазорати маориф бастаанд, метавонанд вазифаҳои алоҳидаро иҷро намоянд.

13. Субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ дорои ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои зерин мебошанд:

- ба Вазорати маориф пешниҳодот ва иттилооти заруриро барои ташкил намудани фаъолияти инноватсионӣ ва мониторинги натиҷаҳои амалӣ гаштани он ироа менамояд;
- пешниҳоду дархостҳоро оид ба ширкати худ дар барномаҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки дар доираи амалӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда истодааст, омода месозад;
- ба муҳити табиат ва иқтисодиёти давлатӣ зарар нарасонида, фаъолияти инноватсиониро амалӣ менамояд;
- барнома ва лоиҳаҳои инноватсионии пешниҳодшудаи аъзои Комиссия, коркардҳои озмоиширо ташхис менамоянд;
- фондҳо ва иттиҳодияҳоро дар шакли ассосиатсияҳо ё иттиҳодҳо барои ҷамъ сохтани захираҳои худ ихтиёрӣ ва тибқи талаботи ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мекунад;

- субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ барои дастгирии инноватсионӣ ҳуқуқи баробар доранд;

Субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ дорои кафолатҳои зеринанд:

- даст доштан ба иттилооти илмӣ ва илмӣ-техникӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, ба истисноли ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба сирҳои давлатӣ, хизматӣ ва тиҷоратӣ муқаррар кардааст;
- ширкат дар коркарди самтҳои стратегии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- маблағгузории лоиҳаҳо ва корҳое, ки дар асоси дархостҳои мақомоти давлатӣ ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда мешаванд;
- ширкат дар озмунҳо оид ба амалӣ намудани барнома ва лоиҳаҳое, ки аз ҳисоби воситаҳои давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

14. Вазорати маориф гузаронидани ташхиси лоиҳаҳои инноватсиониро, ки аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва шахсони алоҳида таҳия шуда, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд ё амалӣ мегарданд, ташкил менамояд.

Лоиҳаҳое, ки аз рӯйи натиҷаҳои ташхис инноватсионӣ ҳисобида шудаанд, ба реестри Вазорати маориф оид ба инноватсия ворид карда мешаванд.

Тартиби гузаронидани ташхиси лоиҳаҳои инноватсионӣ, тартиб додани реестри Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба инноватсияҳо бо қарори мушовараи Вазорати маориф муайян карда мешавад.

Ворид намудани лоиҳаи инноватсионӣ ба реестри Вазорати маориф оид ба инноватсияҳо ҳамчун асос барои дастгирии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ аз рӯйи тартиботи муқарраршуда ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми дохил намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ ба барномаҳои инноватсионии Вазорати маориф ташхиси ҳатмии бевоситаи ин лоиҳаҳо ташкил карда мешавад, ки аз ҳисоби маблағҳои субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ амалӣ мегардад.

15. Тартиби додани грантҳои инноватсионӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Грантҳои инноватсионӣ барои дастгирии олимони ҷавон (то 45 - сола) бо мақсади гузаронидани таҳқиқоти илмию амалӣ дар доираи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ аз руйи мавзӯъҳое, ки бо рушди самтҳои афзалиятноки илм, техника ва технологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад, ҷудо карда мешавад.

Ҷудо намудани грантҳои инноватсионӣ дар асоси озмун амалӣ карда мешавад. Тартиб ва мӯҳлати гузаронидани озмунҳоро Низомномаи Вазорати маориф муайян менамояд.

Таъминоти ташкилии озмун ва маблағгузории он, аз он ҷумла гузаронидани ташхиси дархостҳои ба озмун пешиҳодшуда ва нашри

номгӯйи корҳои ба озмун пешниҳодгардидаро Вазорати маориф аз ҳисоби маблағҳои худ амалӣ мекунад.

Аз рӯйи ҷамъбасти озмун Вазорати маориф бо олимон оид ба шартҳои амалӣ намудани грантҳои инноватсионӣ шартнома мебандад. Дар шартномаҳо мавзӯи таҳқиқоти илмӣ нишон дода шуда, нақшаи корӣ ва сметаи тақсими хароҷот барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ, ҳаҷми маблағгузории умумӣ ва даврабандӣ, ӯҳдадориҳои олимон оид ба гузаронидани таҳқиқот мувофиқи нақшаи корӣ, инчунин дигар шартҳо, ки бо ҷудо намудани грант вобаста аст, нишон дода мешавад. Дар шартномаҳо, инчунин, ҳуқуқи Вазорати маориф барои амалӣ намудани санҷиши истифодаи мақсадноки гранти инноватсионии ҷудошуда пешбинӣ карда мешавад.

16. Фаъолияти инноватсионии дохили муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки ба корҳои илмӣ машғул нест, интихобӣ ва сарфаҷӯёна сурат мегирад, чунин аст:

- ташкили системаи шакли дастҷамъии фаъолият;
- ташкили кори самараноки иттиҳодияҳои эҷодӣ;
- ташкили мусобиқаҳои навоварон;
- ташкили таъҷилии паҳнкунии оммавии иттилооти илмӣ-техникӣ ва таҷрибаи пешқадам;
- ташкили ҷорӣ намудани пешниҳодоти навоварон;
- баланд бардоштани дараҷаи тархрезии фаъолияти инноватсионӣ;
- мукаммал гардонидани сохтори мақомоти идораи фаъолияти инноватсионӣ;
- ташкили системаи ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳо.

Шахсони ҳуқуқӣ фаъолиятро оид ба рушди ихтироъкорӣ ва сарфаҷӯӣ мувофиқи Низомномаи дохилӣ ташкил менамоянд.

Вазорати маориф якҷоя бо ташкилотҳои ҷамъиятии илмӣ-техникӣ барои ошкор намудани лоиҳаҳои дорои самаранокии баланд аз рӯйи самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти инноватсионӣ озмунҳо мегузаронанд.

17. Дархости давлатӣ барои ташкили инноватсияҳо

Ташкил ва ҷойгир намудани дархости давлатӣ барои ташкили инноватсияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар доираи барномахое, ки мувофиқи самтҳои афзалиятноки сиёсати инноватсионии давлатӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба харидҳои давлатӣ тасдиқ гардидааст, амалӣ карда мешавад.

18. Маблағгузориҳои фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чунин амалӣ карда мешаванд:

- аз ҳисоби маблағҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (аз он ҷумла иштироки хориҷиён), ки фаъолияти инноватсионӣ доранд;
- аз ҳисоби маблағҳои бонкҳои тиҷоратӣ, инвеститсионӣ ва кафолатӣ, ширкатҳо ва фондҳои инвеститсионӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ;

- аз ҳисоби маблағҳои сармоягузорони хориҷӣ ва ташкилоту фондҳои молиявии байналмилалӣ;
- аз ҳисоби маблағҳои шахсони воқеӣ.

19. Суғуртаи лоиҳаҳои инноватсионӣ

1) Инвеститсияҳо, ки барои маблағгузорӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ равона карда шудаанд, тавре ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, бояд ҳатман суғурта карда шаванд.
2) Ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки фаъолияти инноватсиониро анҷом медиҳанд, бо мақсади пешгирии нуқсонҳои молиявӣ ва ҷалби маблағҳои иловагӣ барои амалӣ кардани барномаҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ, ташкили фондҳои суғуртавӣ бо ҷудо кардани маблағҳо тибқи мақсадҳои зикршуда, ки аз арзиши молии маҳсулот дар ҳадди 1 дарсади ҳаҷми маҳсулоти фурӯхташуда иҷозат дода мешавад.

20. Ҳамкориҳои байналмилалии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ

- ҳамкориҳои байналмилалии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ дар асоси қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад;
- субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ метавонанд мустақилона ба ташкилотҳои байналмилалӣ, ки бо фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, дохил шаванд ва дар барномаҳо ва лоиҳаҳои инноватсионии байналмилалӣ иштирок намоянд, шартнома ва дигар созишномаҳоро ба имзо расонанд.

21. Робитаҳои иқтисодии берунии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ

Субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ҳуқуқ доранд, ки ба ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои байналмилалии илмӣ ва илмӣ - техникӣ дохил шаванд. Дар барнома ва лоиҳаҳои байналмилалии инноватсионӣ иштирок намуда, бо шахсони ҳуқуқии хориҷӣ барои амалӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ дар дохил ва дар хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома ва созишномаҳои дигарро ба имзо расонанд.

Вазорати маориф барои иштироки фаъолонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар барнома ва лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки аз рӯйи самтҳои гуногуни ташкилотҳои байналмиллалӣ амалӣ карда мешаванд, ҳаматарафа мусоидат менамояд.